**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Ҳакимзода Матлабшоҳ Абдумалик дар мавзуи «Таҳкими амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи такмили низоми идоракунии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ (дар мисоли бахшҳои иҷтимоии осебпазири иқтисодиёти миллӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051000 – Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ (6D051002 – Амнияти иқтисодӣ) пешниҳод гардидааст.**

Оид ба фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, хусусан фаъолияти иҷтимоии онҳо, дар байни муҳаққиқони ватанию хориҷӣ мубоҳисаҳои илмии доманадору густурда идома дошта, вобаста ба он корҳои илмии арзишманде низ рӯйи чоп омадаанд, ки заминаи назариявию методологии пажӯҳиши мазкурро ташкил медиҳанд. Мубрамии мавзуи таҳқиқоти мазкур аз он бармеояд, ки сарфи назар аз таҳқиқотҳои илмии бахшида ба фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратии тамоюли иҷтимоидошта, саҳми онҳо дар таҳкими амнияти иқтисодӣ ба таври возеҳ нишон дода нашудааст. Ҳол он ки дар байни мафҳумҳои мазкур алоқамандии мантиқие вуҷуд дорад, ки бо мукаммалгардонии низоми идоракунии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар бахшҳои иҷтимоии осебпазири иқтисодиёти миллӣ масъалаи таъмини амнияти иқтисодии кишвар ҷилои нав мегирад. Чунин мулоҳизаҳо барои интихоби мавзуъ ва самти таҳқиқот боис гардидаанд.

Боби якуми таҳқиқот ба ҷанбаҳои назариявии таҳкими амнияти иқтисодӣ дар заминаи фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, таҳқиқи вижагиҳо ва хусусиятҳои иқтисодии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ҳамчун шакли махсуси низоми соҳибкориии иҷтимоӣ ва масоили назариявию амалии таҳкими амнияти иқтисодӣ бахшида шудааст. Дар доираи ин фасл масоили марбут ба таҷрибаи байналмилалӣ ва консепсияҳои идоракунии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ бо мақсади таҳкими амнияти иқтисодӣ матраҳ гардидаанд. Ҳамаи инҳо барои ҳосил кардани манзараи комили асосҳои назариявии таҳкими амнияти иқтисодӣ дар заминаи рушди ташкилотҳои ғайритиҷоратии тамоюли иҷтимоидошта ва тасаввуроти илман асоснок замина гардидааст. Мавқеи муаллиф дуруст асоснок карда шудааст, ки дар ҳоли ҳозир «ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ба сифати институти муҳимми таҳкими амнияти иқтисодии давлат баромад намуда, дар ташаккули сармояи иҷтимоӣ, баланд бардоштани сатҳи фаъолнокии ҷомеа ва коҳиш додани хатарҳои иҷтимоию иқтисодӣ саҳми мусбат мегузоранд».

Боби дуюми таҳқиқот ба таҳлили фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар таъмини шуғл ва суботи иҷтимоии маъюбон, ҳалли мушкилоти муҳоҷирати меҳнатии буруна ва таъсири он ба амнияти иқтисодӣ, саҳми ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар баланд бардоштани мақоми

иқтисодии занон ва таҳкими амнияти иқтисодии оилаҳо, инчунин нақши чунин ташкилотҳо дар ҳалли мушкилоти экологӣ ва рушди иқтисоди сабз ҳамчун омили таҳкими амнияти иқтисодӣ бахшида шудааст. Аз дастовардҳои илмии муаллиф дар ин боб, нишон додани нақши боризи фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар соҳаи дастгирии маъюбон ҷиҳати ворид шудан ба фазои иқтисодӣ ҳамчун унсури муҳими низоми иҷтимоию иқтисодиро номбар кардан мумкин аст. Дар умум, ба муҳаққиқ муяссар шудааст, ки дар ин боб фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратии тамоюли иҷтимоидоштаро ҳаматарафа таҳлил намуда, аҳаммияти онҳоро дар таҳкими амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон диҳад.

Факту рақамҳои оморӣ, ҷадвалу диаграммаҳо ва расмҳои консептуалии дар ду боби аввал оварда ба муаллиф имкон доданд, ки дар қисмати ниҳоӣ роҳҳои такмили низоми идоракунии фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратии тамоюли иҷтимоидоштаро ҷустуҷӯ ва пайдо намояд.

Дар боби сеюм тавсияҳои методии системаи арзёбии фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар раванди таҳкими амнияти иқтисодӣ, такмили усулҳои институтсионалӣ ва ташкилию иқтисодии идоракунии онҳо асоснок ва пешниҳод гардидаанд. Ҳамзамон, равишҳои методии ислоҳоти низоми идоракунии фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар бахшҳои иҷтимоии осебпазири иқтисодиёти миллӣ таҳия ва манзур карда шудаанд.

Ҳамаи ин барои баровардани хулосаҳои илмии муътамаду пешниҳоди тавсияҳои илман асоснок барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот асос гардидааст.

Роҷеъ ба шахсияти довталаби дараҷаи илмӣ бояд қайд кунам, ки Ҳакимзода Матлабшоҳ Абдумалик 21-уми ноябри соли 1995 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст, миллаташ тоҷик мебошад. Ӯ соли 2017 зинаи бакалавриатро аз рӯи ихтисоси «Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит» дар Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт бо баҳои аъло хатм намуда, худи ҳамон сол ба зинаи магистратураи Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2019 аз рӯи ихтисоси «Иқтисодиёт ва идоракунӣ дар корхона» бо дипломи аъло хатм намудааст. Мавсуф аз соли 2019 ба зинаи докторантураи Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D051000 – «Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ» дохил шуда, соли 2022 онро бомуваффақият хатм намудааст.

Ҳакимзода М.А. аз соли 2020 то моҳи декабри соли 2024 ба ҳайси ассистент ва аз моҳи январи соли 2025 ба ҳайси муаллими калони кафедраи муносибатҳои молиявӣ-қарзии байналхалқии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон кору фаъолият намуда истодааст.

Диссертатсияи Ҳакимзода М.А. таҳти унвони «Таҳкими амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи такмили низоми идоракунии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ (дар мисоли бахшҳои иҷтимоии осебпазири иқтисодиёти миллӣ)» дар Шуъбаи таҳқиқоти муқоисавии иқтисодии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар давраи таҳсили докторантура (PhD) солҳои 2019-2022 ва таҳқиқот дар шуъбаи мазкур аз рӯйи ихтисоси 6D051000 – Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ (6D051002 – Амнияти иқтисодӣ) омода шудааст.

Ҳакимзода Матлабшоҳ дар иҷрои кори диссертатсионӣ, махсусан дар ҷамъоварӣ, омӯзиш ва таҳқиқи адабиёти илмӣ оид ба ҷанбаҳои назариявӣ ва методии мавзуи илмию таҳқиқотӣ қобилияти хуби пешбурди кори илмӣ, масъулият ва мустақилият нишон дода тавонист. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шакли маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмии дохилию хориҷӣ, ҳамоишҳо ва семинарҳои илмии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар дар давоми солҳои 2019-2025 мавриди муҳокимаю баррасӣ қарор гирифтаанд. Докторант (PhD) зиёда аз 15 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 8 мақола дар конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ таҳия ва аз чоп баровардааст.

Сатҳу сифати дониш, методологияи таҳқиқот ва маҷмуи ҳуҷҷатҳое, ки Ҳакимзода М.А. пешниҳод намудааст, ба талаботи амалкунанди стандартҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барномаҳои таҳсилотии дахлдор пурра мутобиқат менамоянд. Ҳамаи марҳилаҳои иҷрои нақшаи кории илмӣ, аз ҷумла таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, муайянсозии ҳадаф ва иҷрои вазифаҳои таҳқиқотӣ, бо иштироки мустақиму фаъолонаи докторант (PhD) амалӣ гардидаанд.

Коркардҳои илмӣ ва як қатор муқаррароти таҳқиқоти диссертатсионии Ҳакимзода М.А. дар ҷараёни таълим дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон мавриди истифода қарор гирифтаанд, аз ҷумла ҳангоми таҳияи курсҳои таълимӣ ва маводи методӣ доир ба фанҳои «Амнияти иқтисодӣ», «Асосҳои соҳибкорӣ» ва «Иқтисодиёти меҳнат» истифода шуда истодаанд. Хулосаҳо ва пешниҳодҳо ҷиҳати истифодаи илмию амалӣ ба таври асоснок омода гардида, ба меъёрҳои амалкунанда мутобиқат менамоянд. Дар маҷмуъ, диссертатсия дорои аҳаммияти илмӣ ва амалӣ буда, кори илмӣ-таҳқиқотии анҷомёфта ва ба сатҳи талаботи мавҷудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, кори диссертатсионии Ҳакимзода Матлабшоҳ Абдумалик таҳти унвони **«Таҳкими амнияти иқтисодии Ҷумхурии Тоҷикистон дар заминаи такмили низоми идоракунии**

**ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ (дар мисоли бахшҳои иҷтимоии осебпазири иқтисодиёти миллӣ)»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051000 – Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ (6D051002 – Амнияти иқтисодӣ) ҳамчун таҳқиқоти мустақилона анҷомдодашуда, мантиқӣ ва ҳамаҷониба асоснокшуда арзёбӣ мегардад. Он дорои аҳамияти баланд назариявӣ ва амалӣ буда, барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.KOA-017-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон тавсия карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ, мудири Шуъбаи таҳқиқоти муқоисавии иқтисодии Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ д.и.и., профессор, узви вобастаи АМИТ** **Саидмуродзода Л.Ҳ.**

**Тел: (+992) 900288252**

**E-mail: lsaidmuradov@rambler.ru**

**Имзои Л.Ҳ. Саидмуродзодаро тасдиқ мекунам:**

**Сардори шуъбаи кадрҳои ИИД АМИТ** **Махсутшоева З.Д.**